**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи онтаҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудаас шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. фарогири ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоқикистон мебошад, ки вобаста ба самаранокии намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мубрамияти бештарро пайдо кардааст.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мубраммияти таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. дар нақши баланди мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва татбиқи самараноки онҳо дар амал ифода мегардад. Зеро татбиқи самараноки ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз амалисозии функсияҳои он вобаста мебошад. Таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ – функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогири ҷанбаҳои назарӣ ва амалии масъалаи ишорашуда мебошад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз ниҳодҳои ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта дер боз диққати муҳаққиқони соҳибзавқро ба худ ҷалб намуда, роҷеъ ба он асарҳои бунёдӣ эҷод гардидааст. Бинобар ин, бе функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалигардони ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз имкон берун аст, зеро ба таври бояду шояд зери таҳқиқи васеи илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, то кунун ҷанбаҳои амалию назариявии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ падидаи муҳими ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, то кунун аз мубрамият холӣ нест. Муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодӣ ҳамеша дар ҳолати тағйирот қарор дошта, ба таври дуруст амалигардонии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушкилотро эҷод менамояд. Ҳолати дигари мубрам будани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз кам таҳқиқ гардидани мавзуъҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо ҷанбаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба

таври пурра ба инобат гирифта мешаванд. Олимони соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таври кофӣ таҳқиқ намуда бошад ҳам, аммо мақсадҳо, принсипҳо, хусусан функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалигардонии онҳоро тибқи қонунгузорӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ нагардида, омӯзиши иловагиро талаб менамояд . Бинобар ин, пажуҳиши амиқи ниҳоди функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он аз аҳаммияти илмию назариявӣ холӣ нест. Таҳқиқи мавзуи мазкур барои илми ҳуқуқшиносии тоҷик пешравиҳои назаррасро ба вуҷуд меорад.

Таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри дуруст ба роҳ мондани ҷавобгарии ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Функсияи пешгирӣ агар иҷро нагардад, пас татбиқи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самаранок нахоҳад буд.

Таҳқиқи илмию амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар такмили ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши калидӣ дошта, амалисозии он тибқи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад, ки диққати асосиро мақсадҳо, шаклҳо ва принсипҳои он мебозад. Бинобар ин, пажуҳиши ин масъала хеле мубрам буда, аз аҳаммияти калони назариявӣ-илмӣ бархӯрдор аст.

Масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад, ки масъалаи мазкурро дучанд мубрамтар гардонидааст. Истиқлолият ба мо имконият фароҳам овард, ки масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, волоияти қонун дар ҷомеа таъмин гардида, манфиатҳои давлат ва шаҳрванди амалӣ гардонида шавад. Аз ин ҷост, ки дар самти мазкур консепсия, барномаҳои давлатӣ ва қонунҳои дахлдор қабул ва таҳия карда шуда, қонунгузории ватаниро ба қонунгузории байналмилалӣ дар соҳаи ҷавобгарии

ҳуқуқӣ мутобиқ гардонидан лозим аст. Дар сурате қонунгузории ватанӣ ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад, ки институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дуруст амал намояд. Навгонӣ ва таҷрибаҳои мусбӣ дар натиҷаи омӯзиши қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ ҳосил мегардад.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат мавзуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавзуи мубрам ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот пайгири мақсадҳо ва вазифаҳои дахлдор буда, онҳоро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки муаллиф онҳоро дар натиҷаи таҳқиқоти худ ҳалу фасл намудааст: таҳлилу омӯзиши назариявии мафҳуму хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст; асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омӯхта шуда, намудҳои умумиэътирофшудаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд; шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, нақши онҳо вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ муайян карда шудааст; функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирӣ ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, шаклҳои амалисозии онҳо вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ муайян гардидааст.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, объекти таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, предмети онро махсусиятҳои хоси назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ ташкил медиҳад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ ба шумор меравад. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти

худ ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, мафҳуми муаллиф оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур карда шудааст, барои такмили қонунгузории кишвар якчанд тавсияҳои судманди амалӣ пешниҳод намудааст, ки татбиқи онҳо саривақтӣ мебошанд. Муаллиф, ҳар як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ бо назардошти шаклҳои амалисозии онҳо таҳлилу баррасӣ кардааст, ки навгонии рисоларо ифода мекунанд.

Таҳқиқоти диссертатсиониро муаллиф дар заминаи усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-хуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардонидааст.

Ҳамзамон муаллиф, дар навишти рисолаи диссертатсионӣ аз ғояҳо ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо бахшида шудаанд, самаранок такя намудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ мебошад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомадаро метавон дар таҳияи адабиёти таълимӣ, анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, нуқтагузорӣ ба баҳсҳои мухталиф оид ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо истифода намуд. Ғайр аз ин, таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, криминология ва ғ. ба таври васеъ истифода карда шавад. Ҳамзамон, хулосаю тавсияҳои таҳқиқотро дар таҳия ва қабули бисёре аз санадҳои ҳуқуқӣ, ба монанди стратегия, консепсия, қонунҳо ва кодексҳо, ки мавзуи онҳо ба масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ робита доранд, истифода бурдан мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро дар семинару конференсияҳои сатҳи гуногун баррасӣ намуда, натиҷаи таҳқиқотҳои худро дар 3 воситаи таълимӣ, 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд зикр кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори анҷомёфтаи илмӣ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад ва барои муҳокима ва ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.
Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907811285

Имзои У.А. Азиззодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«10» октябр 2024 с.